**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30 ноябри соли 2023, № 13

Барои сазовор донистани Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа.

Диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, таҳти № 38) 19-уми сентябри соли 2023, суратмаҷлиси № 3 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович, соли таваллудаш 1981, соли 2008 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Ҳуқуқшинос» хатм намудааст. Аз соли 2008 то соли 2019 дар вазифаҳои гуногун фаъолият намуда, аз моҳи сентябри соли 2019 то имрӯз ба сифати омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгохи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва ҳамзамон, аз соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи фалсафаи ҳамин донишгоҳ фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи фалсафаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: Муҳаммадалӣ Музаффарӣ – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, директори Маркази антропологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** Зиёев Идибек Ғозиевич – доктори илми фалсафа, профессори кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Ҳайдарӣ Сабоҳат Саид – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент Б. Сулаймонов омода карда шуда, аз ҷониби мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии донишгоҳи мазкур, номзади илмҳои фалсафа Маҷидов Диловар ба имзо расида ва аз тарафи ректори ҳамин донишгоҳ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бӯрӣ тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, тасдик шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар он чиз ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа дар сатҳи зарурӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Ҷӯраев М.Б. алоқамандии зич доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Джураев, М.Б. Сравнительный анализ антропологии Абу Бакра Рази и Абу Насара Фараби (степень изученности проблемы) / М.Б. Джураев //

Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 155-161.

[2-М]. Ҷӯраев, М.Б. Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ - сиёсии ташаккули афкори фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ / М.Б. Ҷӯраев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – № 5. – С. 130-139.

[3-М]. Ҷӯраев, М.Б. Масъалаи тарбияи инсони комил дар таълимоти фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ / М.Б. Ҷӯраев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 5. – С. 104-110.

[4-М]. Ҷӯраев, М.Б. Одамият аз нигоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ / М.Б. Ҷӯраев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 10. – С. 184-189.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Ҷӯраев, М.Б. Идеяи ваҳдати миллии Пешвои миллат дар консепсияи адами зӯроварӣ / М.Б. Ҷӯраев // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои актуалии рушди фалсафа дар замони муосир дар Тоҷикистон» (4.12.2019). Маҷмуи мақолаҳои конфронсияи илмӣ таҳти унвони «Идеяи ваҳдати миллии Пешвои миллат». – Душанбе, 2019. – С. 126-132.

[6-М]. Ҷӯраев, М.Б. Маданияти моддӣ ва маънавии даврони Эҳёи Аҷам / М.Б. Ҷӯраев // Маводи Анҷумани илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 1161-солагии зодрӯзи сардафтари адабиёти классикии тоҷик устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ «Ҳикмати Рӯдакӣ» (22 сентябри соли 2019, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент) // Паёми Донишкада. – 2019. – № 3. Нашри махсус. – 2020. – С. 441-443.

[7-М]. Джураев, М.Б. Единство-гарантия развития эконимики и социальной жизни Таджикистана / М.Б. Джураев // Международная научно-практическая конференция на тему «Независимый путь развития Узбекистана: уроки истории и перспективы будущего» (28 августа 2021 года. В оффлайн и онлайн режиме. 3-секция).

[8-М]. Ҷӯраев, М.Б. Дин ва арзишҳои ахлоқӣ дар ҷомеаи муосир / М.Б. Ҷӯраев // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва 20-солагии факултети фалсафаи ДМТ (27.10.2021). – Душанбе, 2021. – С. 271-275.

[9-М]. Джураев, М.Б. Отражение эпохи Джами и Навои в книге «Таджики» Бабаджана Гафурова / М. Джураев // Международной научно-

практической конференции молодых ученых на тему «От Низами до Навои: времен связующая нит.» (9.02.2022). Сборник статей по материали XVII Международной научно-практической конфренции. –М., 2022. – С. 40-45.

[10-М]. Ҷӯраев, М.Б. Таълимнинг маданий цивилизациядаги ўрни / М.Б. Ҷӯраев // «Евроосиё маконида таълим ва тарбия мутаносиблигини таъминлашнинг истиқболлари» мавзусида халқаро илмий-амалий конференсия (25-26 март) // Халқаро илмий-амалий конференсия тўпламаси. –Тошкент, 2022. – С. 40-45.

[11-М]. Ҷӯраев, М.Б. Тасвири низоъ ва таҳаммулпазирӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ / М.Б. Ҷӯраев // Маводҳои конфронсияи байналхалқӣ. Халқаро илмий-амалий конференсия тўпламаси. – Жиззах, 2022. – С. 209-212.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ **Раҳимов М.Ҳ.** мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

1. Дар зербоби 2.2-и диссертатсия дар баробари шарҳу маънидод кардани мафхум ва мохияти фалсафаи ахлоқии Абдурраҳмони Ҷомӣ, ин масъала ба ҳолати замони муосир низ муқоиса мегардид, арзиши рисола боло мерафт.

2. Диссертатсия аз хатоиҳои имлоӣ низ орӣ нест ва онҳоро бояд ислоҳ намуд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Маллаев Р.К.** низ мусбат буда, дар он автореферат ва диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр пажуҳиши тоза ва анҷомёфта маънидод гардида, дар баробари зикри дастовардҳои довталаби дараҷаи илмӣ чунин эроду пешниҳодҳо манзур шудаанд:

1. Дар боби якум ва зербобҳои он дар баробари шарх додани масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ, инчунин заминаҳои назариявӣ ва таърихии онро низ бояд шарҳ дод.

2. Диссертатсияи мавриди назар аз хатоихои имлоиву техникӣ низ орӣ нест ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

**3. Дар тақризи** номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатиии

тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд **Ҷонназарова Д.Х.** дар баробари зикри дастовардҳо чунин камбудиҳо нишон дода шудаанд:

1. Хуб мешуд, агар баъзе қисмҳои хулоса бо ҳамдигар муттаҳид карда шаванд.

2. Автореферат бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, вале боз дар он як қатор ғалатҳои имлоиву китобат дида мешаванд.

**4. Дар тақризи** номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев **Назархудоева Л.** чунин камбудиҳои автореферати диссертатсия зикр шудаанд:

1. Дар автореферат ғалатҳои имлоиву техникӣ (ниг. с. 5, 12, 22...) мушоҳида мешаванд.

2. Агар дар раванди таҳқиқот аз адабиёти навини муҳаққиқони Шарк оид ба мавсъалаи мавриди назар бештар истифода мегардид, мазмуни диссертатсия боз ҳам беҳтар мешуд.

**5. Тақризи** номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара **Азизов К.Ҷ.** низ мусбат буда, дар он чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

1. Беҳтар мешуд, муаллиф дар атрофи масъалаи инсон, арзиш, арзишҳои ахлокӣ муносибату мавқеи худро мушаххас менамуд.

2. Баъзан ғалатҳои техники аз кабили часпидани калимаҳо, риоя нашудани фосила пас аз аломати китобати мобайни чумла ва охири чумла ва монанди он ба назар мерасад (сах. 10, 11, 12, 20...) ;

3. Ҳарчанд дар навиштани диссертатсия талаботи ахири имло риоя шуда бошад ҳам, аммо дар он ҳанӯз баъзе камбудиҳои характери таҳрирӣ, услубӣ, имлоӣ ва китобатӣ дошта, аз чумла дар шакли русӣ овардани номи олимон, риоя нашудани ташдид дар калимаҳое назири «хоси» ва ғайра ба мушоҳида мерасад, ки ислохи онҳо метавонист сифати корро беҳтар гардонад (с. 2, 4, 16, 21, 24, 25, 29, 50, 54, 64, 73...).

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– **коркард карда шуд**, ки бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, микдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи тахқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии

пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисола мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд;

– **пешниҳод шудааст**, ки фаъолияти илмии Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ҳанӯз ҳам ба таҳлилу баҳогузорӣ эҳтиёҷ доранд. Дар таҳқиқотҳои қаблӣ, бо назардошти идеологияи ҳукмрони давр (замони Шӯравӣ) вазъи сиёсиву фарҳангӣ ба таври ошкоро баён нашудаанд. Ташкили курсҳои махсус барои донишҷӯён ва омӯзгорони соҳаи фалсафа дар асоси андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба инсони комил ва тайёр намудани дастурамалҳо бо истифода аз андешаҳои инсондӯстонаи Абдураҳмони Ҷомӣ дар ташкили корҳои тарғиботӣ дар байни ҷавонон, хусусан оилаҳои ҷавон пешниҳод карда мешавад;

– **исбот шудааст**, ки таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ дар мавриди «инсони комил» низ арзишманд мебошад. Мутафаккир бар он кӯшидааст, ки масъалаи мазкурро аз доираи таълимоти мистикӣ ва сарбастаи орифони пешин ба воқеият табдил диҳад. Хизмати Мавлоно Ҷомӣ дар он аст, ки раванди ташаккули маънавии инсонро коркард намуда, ба тариқи системавӣ расидан ба марҳилаи камолотро инъикос намояд. Тибқи таълимоти мутафаккир инсонро зарур аст, ки касби донишу ҳунар намуда, ба моҳияти ҳастии худ сарфаҳм равад ва аз нерӯҳои моҳиятии худ самаранок истифода намуда, ба дараҷаи инсони комил ноил гардад;

– **ҷорӣ намудани** асосҳои илмӣ-методологии масъалаи одамият дар омӯзиши таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ дорои аҳамияти бузурги илмӣ буда, дар ҳаёти маънавӣ, фалсафӣ, фарҳангӣ ва руҳонии ҷомеа мавқеъи шоистаро ишғол менамояд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои амалӣ барои дарки моҳияти назарияи фалсафаи одамият, муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи Абдурраҳмони Ҷомӣ дар тарғиби хислатҳои инсони комил, аҳамияти тарбияи хештаншиносӣ дар пешгирӣ аз зуҳури харакатҳои ифротӣ ва террористӣ ва ғайра барои пажуҳишгарон муҳим буда, инчунин ҳангоми тайёр намудани дастурамалҳо бо истифода аз андешаҳои инсондӯстонаи Абдураҳмони Ҷомӣ ва дар ташкили корҳои тарғиботӣ дар байни ҷавонон, хусусан оилаҳои ҷавон, ташкил кардани барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ дар бораи таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба инсони комил, наворбардорӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо назардошти хусусиятҳои равонии миллии ҷавонон аҳаммият дорад.

Вобаста ба масъалагузорӣ дар диссертатсия ҷой доштани маҷмуи принсипҳо ва муносибатҳо, усулҳои таҳқиқотии фалсафӣ ва мантиқии маърифат ва дақиқ кардани масъалаҳои матрахшуда, аз ҷумла, методи таҳқиқотии таърихӣ-муқоисавӣ, фалсафӣ-антропологӣ қоидаҳои умумии таҳлили донишҳои фалсафӣ, умумиметодологӣ, ки бо соҳаи таърихи фалсафа иртибот доранд, истифода гардидаанд;

– **баён шудани** табиати инсонро дар шакли физиологию анатомӣ, равонӣ ва хирадӣ ва моҳияти онро дар шакли нерӯҳои фитрию зотӣ, ки дар раванди фаъолияти бомаром аз ҳолати билқувва ба билфеъл табдил меёбанд, илман асоснок намудааст.

– **ошкор гардидани** андешаҳои мутафаккир доир ба назарияи «инсони комил», ки Абдурраҳмони Ҷомӣ камолоти маънавии инсонро имконпазир медонад;

– **омӯхта шудаанд**, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар таълимоти хеш ба ахлоқ муносибати ақлгароёна дошта, онро натиҷаи заҳмати пайвастаи инсон медонад. Мутафаккир ҷонибдори назарияи иктибосӣ будани ахлоқ мебошад;

– **муайян карда шуданд**, арзиши андешаҳои Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ барои тарбияи насли муосир дар самти шинохти моҳият ва табиати инсон, инчунин маънии зиндагӣ ва масъулиятҳои иҷтимоию инфиродии он мавқеи бориз дорад. Ҳамзамон, натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ҳангоми коркарди кодексҳои ахлоқӣ ва дигар санаду меъёрҳои танзимкунандаи рафтору кирдори инсон аҳаммияти назарӣ ва амалӣ доранд;

– **муаррифӣ карда шуд**, ки асосҳои илмӣ-методологии масъалаи инсони комил, инчунин, ҷустуҷӯ кардани сарчашмаҳои ғоявӣ, ки барои ташаккул ва тавсеаи инсони комил таъсири назариявӣ ва амалӣ расониданд, муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ дар тавсеа ва таҳкими инсони комил дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**: иштироки бевосита кардан дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети тадқиқот, мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва таҳлилу тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ маҳсуб мешаванд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2023 дар бораи сазовор донистани Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар, аз ҷумла 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 11 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа., профессор Маҳмадизода Н.Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.

30.11.2023